# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукамалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. – 82 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар марҳалаи муосири рушди сиёсати ҷиноятӣ, ки ба принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва самаранокии ҷазои ҷиноятӣ такя мекунад, масъалаи татбиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Яке аз чунин ҷазоҳо ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мебошад, ки тибқи мақсад ва моҳияти худ бояд ҳамчун алтернативаи муассир ба маҳрум сохтан аз озодӣ хизмат намояд. Бо вуҷуди ворид гардидани ин намуди ҷазо ба қонунгузории ҷиноятӣ амалияи судӣ нишон медиҳад, ки он дар воқеият умуман таъин намегардад.

Маҳз ҳамин ҳолат мавҷудияти меъёри ҳуқуқӣ дар қонун, аммо набудани татбиқи воқеии он дар амалияи судӣ мубрамияти баланди таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд. Дар чунин шароит зарурати таҳлили ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ба миён меояд, зеро бе чунин таҳлил мақсадҳои эълоншудаи сиёсати ҷиноятӣ дар самти коҳиш додани истифодаи ҷазоҳои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ амалӣ гардонида намешаванд.

Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун шакли гузариш байни ҷазоҳои сабук ва ҷазоҳои вазнин арзёбӣ мегардад. Он бояд ҳамзамон таъсири тарбиявӣ дошта, маҳкумшударо аз муҳити иҷтимоӣ пурра ҷудо накунад. Бо вуҷуди ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи дақиқи ин ҷазо дар низоми умумии ҷазоҳо, ҳаҷми маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фарқияти он аз дигар ҷазоҳои алтернативӣ баҳсталаб боқӣ мемонад. Номуайянии назариявӣ дар навбати худ ба эҳтиёткории судяҳо ва худдорӣ аз таъини чунин ҷазо дар амал мусоидат менамояд.

Дар сатҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ як қатор омилҳо вуҷуд доранд, ки ба татбиқ нашудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама, дар амалия судҳо аксаран ба ҷазоҳои анъанавӣ афзалият медиҳанд, ки механизмҳои татбиқи онҳо солҳои зиёд санҷида

шудаанд. Дар муқоиса бо онҳо, ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун ҷазои «номуайян» ва дорои хавфҳои иҷронашавӣ дарк мегардад. Набудани таҷрибаи кофии судӣ, тавсияҳои ягонаи шарҳдиҳӣ ва омори мусбат боис мегардад, ки судҳо аз истифодаи он худдорӣ намоянд. Сабаби дигари муҳимми татбиқ нашудани ин ҷазо норасоии механизмҳои муассири назорат ва иҷро мебошад. Ҷазои маҳдуд кардани озодӣ, тибқи моҳияти худ, назорати доимии рафтори маҳкумшударо дар муҳити ҷомеа талаб мекунад. Дар шароити мавҷуд набудани инфрасохтори зарурӣ, ваколатҳои дақиқи мақомоти назораткунанда ва захираҳои кадриву техникӣ, таъини чунин ҷазо аз ҷониби суд метавонад танҳо хусусияти шаклӣ дошта бошад. Ин ҳолат эътимоди судҳоро ба самаранокии воқеии ҷазои мазкур коҳиш медиҳад.

Илова бар ин, дар қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазоҳо як қатор норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, меъёрҳои марбут ба шартҳо, тартиб ва оқибатҳои татбиқи ҷазои маҳдуд кардани озодӣ на ҳамеша бо дақиқият ва равшанӣ баён шудаанд. Набудани тафсири мушаххаси маҳдудиятҳо, уҳдадориҳои маҳкумшуда ва ваколатҳои мақомоти масъул ба тафсири гуногун ва баъзан ихтилофоти қонун дар амал оварда мерасонад. Дар чунин вазъ судҳо, бо мақсади пешгирӣ аз хатогиҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ, бештар ба ҷазоҳои дигар рӯ меоранд.

Масъалаи дигари муҳим ин аст, ки дар амалияи судӣ ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аксаран бо шартан татбиқ накардани ҷазо ё маҳрум сохтан аз озодӣ бо муҳлати кӯтоҳ иваз карда мешавад. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки имкониятҳои ислоҳии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд пурра истифода намешаванд ва мақсадҳои иҷтимоии ҷазо – ислоҳи маҳкумшуда бе ҷудо шудан аз ҷомеа дар сатҳи лозима таъмин намегарданд. Дар натиҷа, сарбории муассисаҳои ислоҳӣ кам намешавад ва хавфи таъсири манфии муҳити маҳбас ба шахсони бори аввал ҷиноят содиркарда боқӣ мемонад.

Бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун ҷазои муассири алтернативӣ дар бисёр кишварҳо натиҷаҳои мусбат додааст. Аммо татбиқи чунин таҷриба танҳо дар сурате имконпазир аст, ки заминаи қонунгузорӣ мукаммал, механизмҳои иҷро равшан ва омодагии амалии мақомоти судӣ ва иҷрои ҷазоҳо таъмин бошад. Дар набудани ин шартҳо, мавҷудияти меъёри ҳуқуқӣ худ аз худ ба истифодаи он дар амал оварда намерасонад.

Ҳамин тавр, зарурати гузаронидани таҳқиқоти мукаммали илмӣ вобаста ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, пеш аз ҳама аз номувофиқати байни қонун ва амалияи судӣ, мушкилоти доктрина ва норасоиҳои ҳуқуқтатбиққунӣ бармеояд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала имкон медиҳад, ки сабабҳои аслии татбиқ нашудани баъзе ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ошкор гардида, роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва амалияи судӣ пешниҳод карда шаванд.

Илова бар ин, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки баъзе меъёрҳои марбут ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ба такмил ниёз доранд. Номукаммалии танзими ҳуқуқӣ, набудани ҳамоҳангии кофӣ байни қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин мутобиқ набудани баъзе меъёрҳо ба стандартҳои байналмилалӣ зарурати ислоҳ ва мукамалгардонии минбаъдаи қонунгузориро тақозо менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, барои рушди сиёсати ҷиноятии инсонмеҳвар, баланд бардоштани самаранокии адолати судӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мубрам маҳсуб мешавад.

Навгониҳои таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбанд, ки ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ҳамчун низоми мустақил ва дорои аҳаммияти махсус дар сиёсати ҷиноятии муосир мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Дар доираи таҳқиқот моҳият, ҷойгоҳ ва нақши чунин ҷазоҳо дар низоми умумии ҷазоҳои ҷиноятӣ муайян гардида, бартариятҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онҳо дар муқоиса бо ҷазоҳои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ асоснок карда шудаанд.

Дар таҳқиқот бори аввал мушкилоти доктриналӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, ки ба истифодаи маҳдуди ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар амалияи судӣ оварда мерасонанд, ба таври низомнок таҳлил гардида, сабабҳои номувофиқати байни танзими қонунгузорӣ ва татбиқи амалии онҳо муайян карда шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷазои маҳдуд кардани озодӣ равона гардида, исбот шудааст, ки номукаммалии заминаи меъёрӣ, набудани механизмҳои самараноки назорат ва эҳтиёткории судҳо аз омилҳои асосии татбиқ нашудани он дар амалия маҳсуб мешавад.

Ҳамзамон, дар асоси омӯзиши қонунгузории амалкунанда ва амалияи судӣ пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ

вобаста ба таъйин, иҷро ва назорати ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд таҳия шудаанд. Самаранокии иҷтимоӣ ва тарбиявии чунин ҷазоҳо дар ислоҳи маҳкумшуда дар шароити ҷомеа ва пешгирии такрори ҷиноят асоснок гардида, имконияти истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ пешниҳод шудааст.

Бинобар ин, масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ки ба он таҳқиқбаранда Зокирзода З.Х. рисолаи доктории худро бахшидааст, аз ҷумлаи масъалаҳои ниҳоят мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои аҳаммияти баланди илмиву назариявӣ буда, барои рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат инъикосёфта имкон медиҳад ба чунин хулоса расем, ки сохтори таҳқиқот пайдарҳам, муназзам ва бо риояи мантиқи қатъии илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи муқарраргардидаро пурра фаро гирифта, муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои илмии таҳқиқотро ба таври равшан ва мукаммал ифода менамояд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

Муаллиф дар саҳифаи 4 автореферат қайд намудааст, ки баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ба амалияи имрӯзаи кишвар мувофиқат намекунанд ва баъзе аз намудҳои ҷазоҳо механизми татбиқи худро гум кардаанд. Аз ҷумла дер боз ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалияи судӣ мавриди истифода қарор намегирад ва дар хусуси механизми татбиқи он чораҳои зарурӣ андешида нашудааст. Дар қисмати мубрамии таҳқиқот бахшида ба сабабҳои иҷро нашудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалияи судӣ, сарфи назар аз таҳлили назариявии муфассал ва асоснок ба назар мерасад, ки масъалаи таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқтатбиққунӣ ба андозаи кофӣ бо маводи оморӣ ва мисолҳои амалии судӣ такмил дода нашудааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия таҳлили муқоисавии ҳукмҳои судӣ, маълумоти оморӣ ё мавқеи мақомоти иҷрокунандаи ҷазо метавонад асоснокии хулосаҳои муаллифро дар бораи сабабҳои татбиқ нашудани ҷазои мазкур боз ҳам тақвият бахшад.

Роҷеъ ба ин масъала аз муаллиф талаб карда мешавад, ки сабабҳои таъин нагардидани ин ҷазоро дар амалияи судӣ шарҳ диҳад.

Масъалагузории мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати диссертатсия нақши муайянкунанда надоранд ва танҳо шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошанд, бе он ки арзиши илмии рисоларо коҳиш диҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: "Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукамалгардонии қонунгузорӣ" ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри
Душанбе, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
**Тел.:** (+992)711577777
**E-mail:** nurullo1988@inbox.ru

«14» 04 2026

Имзои Қурбонализода Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
**Тел.:** +992 (37) 221-62-84;
**E.mail:** dushanbe80@yahoo.com

«14» 04 2026